Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Мирзо Муҳаммад Рустоӣ дар мавзуи "Саид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ. Душанбе: 2024, 53 с.

Вазифаи асосии муҳаққиқон ва аҳли зиё аз он иборат аст, ки осори адабии шоирону нависандагон ва мутафаккиронро ҳамаҷониба омӯзанд, таҳқиқ кунанд ва ба насли оянда шоиста муаррифӣ намоянд. Омӯзиши паҳлуҳои гуногуни рӯзгор, осор, андешаву ҷаҳонбинӣ, афкори иҷтимоӣ ва ҳунари адиб имконият медиҳад то ба мероси шоир баҳои сазовор диҳем. Сайид Нодири Каёнӣ аз зумраи шахсиятҳои фарҳангӣ, адабӣ ва динии Хуросони имрӯз аст, ки мутаассифона бо сабабҳои гуногун то ин таҳқиқот миёни аҳли адаб хуб шинохта нашудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб,нуҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсад, вазифа ва объекти таҳқиқ мушаххасан дар муқаддимаи диссертатсия оварда шудааст. Дар тавсифи умумии таҳқиқ масъалаҳои мақсад, вазифа, объект, предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва навгониҳои таҳқиқ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии таҳқиқ низ асоснок гардида, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия ва саҳми шахсии диссертант дарҷ шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **"Рӯзгор ва осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ"** ном дошта, аз се фаслу ду зерфасл иборат аст. Дар ин боб диссертант зиндагинома, мероси адабӣ, осори манзуму мансур, анвои шеъри Каёнӣ ва мавқеи ғазал дар эҷодиёти ӯро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода, ба хулоса омадааст, ки дар ғазалиёти шоир бештар мавзуоти ошиқона, иҷтимоӣ, маърифатӣ, омӯзишӣ, ахлоқӣ, меҳанпарастона, тасвири табиат, аҳволи шахсӣ, мадҳи бузургон ва ғайра матраҳ гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Сохт ва мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Каёнӣ”** унвон дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Дар ин боб диссертант талош кардааст, то таҳаввул ва ташаккули ғазал, сохту таркиб, мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти шоирро дар адабиёти дарии Афғонистон нишон диҳад. Мусаллам аст, ки ҳунари шоир бештар дар ғазалсароӣ мушаххас мегардад. Аз таҳлилу баррасии ғазалиёти шоир диссертант хулоса мекунад, ки шоир идомадиҳандаи анъанаҳои шоирони классик ва муосири номвари кишвари Афғонистон аст. Мавзуъҳои ғазалиёти шоир аз ҷумла ишқ, нобаробариҳои иҷтимоӣ, шикоят аз ҷабри замон,ҷабру истибдод, бемуравватию бемеҳрӣ, тавозуъ ва фурӯтанӣ, ҳилму инсондӯстӣ ва ғайра буда, диссертант бо намуна аз осори шоир онро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Боби сеюми диссертатсия **“Хусусиёти услубӣ ва бадеии ғазалиёти Каёнӣ”** унвон дошта, он аз се фасл иборат аст. Дар ин боб диссертант дар бораи забон ва сабки баён, корбурди калима ва таъбирҳои забонӣ дар тасвирофаринӣ, баёни андешаҳои ирфонию фалсафию динӣ, вазн, қофия ва радиф дар ашъори шоир, мусиқияти шеър, истифодаи фаровони зиҳоф, санъатҳои бадеӣ андешаронӣ намуда, хулоса мекунад, ки шоир аз “... 8 баҳри аруз: ҳазаҷ, рамал, музореъ, муҷтас, мутақориб, хафиф, раҷаз, муқтазаб ва дар маҷмуъ 30 вазни арузӣ баҳра гирифта, ки худ нишон аз танаввуи вазнӣ дар девони ӯст” (с. 15).

Ҳар боби диссертатсия бо хулосаву натиҷагириҳои мушаххаси муаллиф ҷамъбаст шудаанд. Дар хулосаи диссертатсия бошад муаллиф фикру андешаҳои худро дар панҷ нукта баён намудааст, ки ба андешаи мо қобили қабул аст.

Рисолаи анҷомдодаи Муҳаммад Рустоӣ комилан пажуҳиши тоза ва нав буда, диссертант тавонистааст, паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ ва осори адиб,сохтори ғазалиёт,ҳунари шоир дар интихоби мавзуъ, баҳру авзон, санъатҳои бадеӣ ҳаматарафа мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳад.

Адабиёти истифоданамудаи диссертант далолат ба он мекунад, ки оид ба мавзи мавриди назар манобеи зиёди илмии дохилию хориҷиро омӯхта, баҳсу таҳлилу баррасӣ кардааст.

Дар баробари муҳассанот дар автореферат камбудиҳои ҷузъӣ ба назар расид:

1. Дар автореферат хатоҳои имлоӣ (с.4,8,16) техникӣ (с.4, 6,7,8) ба назар мерасад

2. Дар автореферат (гунаи тоҷикӣ) калима ва таъбирҳо, ҷамъбандиҳои арабӣ бештар истифода шудааст.

Камбудиҳои ишорашуда ҷузъӣ буда, ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд.

Фишурдаи рисола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи диссертант дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талабот ҷавобгӯ аст.

Дар маҷмуъ, кори диссератсионии Мирзо Муҳаммад Рустоӣ дар мавзуи "Саид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ. анҷомёфта буда, он ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти рақами №505 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мебошад.

Муқарриз:

Мирзораҳматова Гулнора Миралиевна – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
Суроға: ш. Кӯлоб, м. Сангак Сафаров 16.
Тел: 888559833
Имзои дотсент Мирзораҳматова Г.М- ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Амиров Ф. А.